**аз 14.01.2025, №587/4.2.1-д**

Мақомоти ҳудудии андоз
ва андозсупорандагон

Доир ба андозбандии фаъолиятҳои
сартарошхонаҳо, ороиши ҳусн,
толорҳои маҳсгарӣ, ҷарроҳии
пластикӣ ва дандонпизишкӣ

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини назорати иҷрои муқаррароти қонунгузории андоз, дуруст нишон додани манбаҳои андозбандишаванда ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагони ба хизматрасониҳои сартарошхонаҳо, кошонаҳои ҳусн, толорҳои маҳсгарӣ, ҷарроҳии пластикӣ ва дандошпизишкӣ машғулбуда, мактуби дастурии мазкурро барои маълумот ва корбарӣ ирсол менамояд.

Тартиби андозбандии соҳибкорони инфиродӣ, дар бобҳои 51 ва 52 Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2022, №151 «Дар бораи Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда» (минбаъд - Қоидаҳо) ба танзим даровarda шудааст.

**1. Доир ба андозбандии хизматрасониҳои сартарошхонаҳо ва ороиши ҳусн.**

Тибқи муқаррароти банди 12 Замимаи Қоидаҳо барои фаъолияти "хизматрасониҳои сартарошӣ ва ороиши ҳусн (барои як курсӣ) (ба истисноu хизматрасонии визажистӣ, ҷарроҳии пластикӣ ва ташкили студияҳои ороишӣ (бе ҷалби коргарони кироя)" ҳуҷҷати соҳибкорӣ дар шакли патент пешбинӣ карда шудааст. Яъне, тибқи муқаррароти мазкур соҳибкори инфиродие, ки мустақилона ва (ё) дар алоҳидагӣ бе ҷалби корманди кироя (дар як курсӣ) ба хизматрасониҳои сартарошӣ ва ороиши ҳусн машғул мешаванд ва намуди фаъолияти иловагиро анҷом намедиҳанд, метавонанд фаъолияти худро тибқи патент ба роҳ монанд. Пардохт барои патент барои соҳибкории инфиродӣ устувор буда, маблағи он ҳар моҳ на дертар то санаи 5-уми моҳи минбаъда пешакӣ ба буҷет пардохт карда мешавад.

Тибқи талаботи қисми 5 моддаи 367 Кодекси андоз агар соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент хизматрасониҳои сартарошӣ ва ё ороиши ҳуснро дар воқеъ бо ҷалби корманди кироя, ки ба онҳо патентҳои алоҳида дода шудаанд, анҷом диҳад, пас чунин соҳибкор ҳуқуқи бо патент анҷом додани хизматрасониҳои мазкурро надорад.

Мутобиқ ба талаботи мазкур агар соҳибкорони инфиродӣ тибқи патент дар воқеъ кормандонро барои хизматрасониҳои сартарошӣ ва дигар ороишот ҷалб намуда, дар амал онро идора намояд ва ё аз онҳо маблағҳои иҷорапулӣ, хизматрасониҳои комуналӣ ва дигар пардохтҳоро ситонад, пас фаъолияти ин гурӯҳи андозсупорандагон тибқи патент манъ мебошад.

*Масалан: Шахси воқеӣ соҳибмулки объекти ғайриманқул, дар бинои худ кошонаи ҳусн ташкил карда, дар он 4 шахси воқеӣ ва худаш хизматрасонии ороиши ҳуснро дар асоси патент анҷом медиҳад. Дар воқеъ ин шахсони воқеӣ коргари кирояи соҳибмулк буда, бо мақсади кам нишон додани уҳдадориҳои андозӣ, фаъолияти худ ва ин шахсонро дар асоси патент ба роҳ мондааст.*

*Дар ин ҳолат соҳибмулк уҳдадор аст, ки худро ба сифати соҳибкории инфиродӣ дар асоси шаҳодатнома дар низомҳои махсуси андозбандӣ ба қайди давлатӣ гирад, андозро тибқи низоми содакардашудаи андозбандӣ ҳисоб ва парлохт намояд ва 4 шахси воқеиро ба ҳайси корманди кироя ба расмият даровардa, вобаста ба даромади онҳо андоз аз даромад ва андози иҷтимоиро ҳисоб ва пардохт намояд.*

Дар мавриди аз ҷониби соҳибмулки нуқтаи хизматрасонӣ ба иҷора додан ва ҳамзамон дар нуқтаи мазкур фаъолият накардан, соҳибмулки мазкур уҳдадор мебошад, ки худро ба сифати иҷорадиҳандаи молу мулк дар мақомоти андоз ба қайд гирифта, аз даромадҳои ба дастовардаи худ тибқи талаботи моддаи 183 Кодекси андоз маблағи андоз аз даромадро бо меъёри 15 фоиз ҳисоб ва пардохт намояд. Тибқи талаботи банди 4 моддаи 241 Кодекси андоз шахси воқеии мазкур уҳдадор мебошад, ки эъломияро оид ба андоз аз даромад то санаи 1-уми апрели баъди соли ҳисоботӣ ба мақомоти андоз пешниҳод намояд.

Дар дигар ҳолат шахсоне, ки дар асоси шартномаи иҷора объекти молу мулкро тибқи шартномаи иҷора ба муҳлати муайян ба иҷора гирифта, дар навбати худ мустақим ё ғайримустақим нуқтаи хизматрасонӣ доир ба ташкили студияҳои ороишӣ- кошона ҳусн ҳамчун ташкилкунанда онро идора намуда, дигар кормандонро барои пешниҳоди кору хизматрасонӣ ҷалб менамоянд ва аз ин ҳисоб даромадҳо ба даст меоранд, дар ин маврид фаъолияти чунин шахсон тибқи шаҳодатнома дар низомҳои махсуси андозбандӣ ва шахси ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад.

*Масалан: Шахси воқеии соҳибмулк ва (ё) шахси воқеии иҷорагир студияҳои ороишӣ, яъне кошонаҳои ҳуснро ташкил намуда, номи онро «Бюти салон» мегузорад. Дар он хизматрасониҳои визажистӣ, сартарошӣ, ороиши ҳусн, маҳсгариро ташкил мекунад. Бо мақсади канорагирӣ аз андозбандӣ ҳар як шахси воқеии корманди худро соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент, ки хизматрасониҳои сартарошӣ ва ороиши ҳуснро анҷом медиҳанд, ба қайди давлатӣ гирифта, аз андози низоми содакардаи андозбандӣ, андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоӣ ва пешниҳоди ҳисобот канорагирӣ мекунад.*

*Ҳамзамон, мутобиқ ба талаботи қонунгузории зикргардида шахси воқеии соҳибмулк ва (ё) шахси воқеии иҷорагир, ки кошонаи ҳусн ташкил намудаанд, уҳдадор мебошанд, ки худро ба сифати соҳибкории инфиродӣ дар асоси шаҳодатнома ба қайди давлатӣ гиранд, андозро тибқи низоми содакардашудаи андозбандӣ ҳисоб ва пардохт намояд ва ҳамаи шахси воқеиро дар кошонаи ҳусн фаъолияткунандаро ба ҳайси корманди кироя ба расмият даровара, вобаста ба даромади онҳо андоз аз даромад ва андози иҷтимоиро ҳисоб ва пардохт намояд.*

Ҳангоми, аз ҷониби соҳибкори тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда (ташкилкунанда)-и нуқтаи хизматрасонӣ, ки ба ғайр аз он дар нуқтаи мазкур дигар шахсон тибқи патент фаъолият менамоянд, аз чунин кормандон дар шакли пардохти иҷорапулӣ (моҳона) ва (ё) ҳангоми гирифтани даромад ҳамаруза дар шакли фоизи муайян гирифтани маблағи пулӣ ва (ё) ҳангоми омӯзиши чунин хизматрасониҳо гирифтани даромад барои идоракунанда (ташкилкунанда) ҳамчун даромади иловагӣ он эътироф гардида, бо андози низоми содакардашуда андозбандӣ карда мешавад.

Мутобиқ ба муқаррароти Кодекси андоз ва Қоидаҳои мазкур шахси воқеие, ки мақсади ташкили нуқтаҳои хизматрасонии студияҳои ороишӣ, яъне кошонаҳои ҳусн, толорҳои маҳсгарӣ ва сартарошхонаҳо дорад, ки дар он визажист, сартарош, маҳсгар ва ғайраро ҷалб менамояд, ҳуқуқи анҷоми чунин фаъолиятро дар асоси патент ва (ё) шаҳодатнома бо шартҳои махсус надорад.

**2. Доир ба андозбандии толорҳои маҳсгарӣ, ҷарроҳии пластикӣ ва дандоншизишкӣ.**

Тибқи талаботи банди 45 Қоидаҳо фаъолияти тиббию косметикӣ ва ташхисҳои тиббӣ (ба истиснои тибби мардумӣ), ҳуқуқи фаъолият кардан ба ҳайси соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома дар низомҳои махсус надоранд. Бинобар ин, чунин шахсон аз ҷумла, фаъолияти дандонпизишкӣ ва ҷарроҳии пластикӣ ухдадор мебошанд, ки фаъолияти худро ба сифати шахси ҳуқуқӣ дар низоми содакардашудаи андозбандӣ ва то расидан ба ҳадди даромад (1,0 млн. сомонӣ) ба роҳ монанд. Ҳангоми зиёд гардидани ҳадди даромад аз 1,0 млн. сомонӣ фаъолияти чунин шахси ҳуқуқӣ дар низоми умумии андозбандӣ ба роҳ монда мешавад.

Мувофиқи муқаррароти боби 52 Кодекси андоз шахси ҳуқуқӣ аз даромади гирифтаашон бо низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд бо меъёри 6 фоиз аз даромади умуми бо усули хазинавӣ ва бо меъёри 18 фоиз бо усули ҳисобу замкунӣ мавриди андозбандӣ қарор дода мешаванд.

Инчунин аз ҳисоби даромади кормандони кирояи худ андоз аз даромади шахсони воқеӣ бо меъёри 12% барои ҷойи кори асосӣ, барои ҷойи кори ғайриасосӣ 15% ва андози иҷтимоӣ бо меъёри 2% ҳисоб ва пардохт карда мешавад.

Шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ фаъолияткунанда тибқи талаботи моддаи 85 Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.10.2021, №432 ҳангоми иҷрои кор ва хизматрасониҳобо пули накд ва (ё) кортҳои пардохти

бонкӣ уҳдадоранд, дастгоҳи назоратӣ – хазинавиро пурра истифода намуда, ба мизоҷон расиди фискалии хазинавиро пешниҳод намоянд.

Бо назардошти муқаррароти болозикр, сардорони раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки кормандони худро бо мактуби дастурии мазкур шинос намуда, ба самъи субъектҳои хоҷагидори ба хизматрасониҳои сартарошӣ, ороиши ҳусн, визажистӣ ва маҳсгарӣ машғул буда семинар-машварат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, барои татбиқи дурусти муқаррароти қонунгузорӣ, бақайдгирӣ ва андозбандӣ инчунин таъмини гузариши онҳо аз рӯи шакли ташкилию ҳуқуқӣ чораҷӯӣ намоянд.

Раис Н. Давлатзода